ДЕКАБРИ 2024 | №1

# ИШТИРОКИ ҶАВОНОН ДАР РАВАНДИ ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ ВА МУТОБИҚШАВӢ

*БЮЛЛЕТЕН*



*Фото: БРСММ Тоҷикистон*

*Яке аз иштирокчиёни ҷавон дар намоишгоҳи Файзобод*

## Намоишгоҳҳои расми беҳтарин дар мавзуи тағйирёбии иқлим байни хонандагон дар Файзобод ва Кӯшониён

Тағйирёбии иқлим таъсири калон ба пиряххо дар сар то сари ҷаҳон ба хусус дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дорад. Пиряххо манбаъҳои муҳимми об ва солимии муҳити зист ба шумор меравconfigured. Баланд шудани ҳарорати ҳаво боиси обшавии пиряххо шуда, сабаби камшавии пиряххо дар чанд даҳсолаи ахир шудааст, алалхусус дар қаторкӯҳҳои Помир, ки ҷойи муҳим ва асосии ҷойгиршавии пиряххо ба ҳисоб меравад. Коҳиши пиряххо боиси камшавии сарчашмаҳои оби тоза, дар давраи тобистон мешавад.



*Фото: БРСММ Тоҷикистон*

Намое аз намоишгоҳи н. Файзобод

Илова бар ин обшавии босуръати пиряххо хатарҳои обхезӣ, лағжиш ва фарсудашавии замин ва тармафароиро зиёд намуда, ҳаёти одамонро таҳдид мекунад. Тағйири динамикаи обшавии пиряххо экосистема ва гуногунии биологиро низ таъсир мерасонад.

Инчунин пиряххо дар Тоҷикистон нақши нишондиҳандаи тағйирёбии иқлимро иҷро мекунанд ва ифодагари таъсири гармшавии сайёра дар минтақа мебошанд.

Тағйирёбии иқлим боиси ба миён омадани мушкилоту проблемаҳои гуногун мешавад, ки ҳалли он ниёз ба таҳия, қабул ва татбиқи стратегияи мутобиқшавӣ ҷиҳати таъмини амнияти об ва ҳимояи қишрҳои осебпазири ҷомеа дар минтақа дорад.

Баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ оид ба таъсири тағйирёбии иқлим ба пиряххо барои тасмимгирӣ, идоракунии самараноки сарчашмаҳо ва коҳиши хатар хеле муҳим аст. Дарки вазъияти феълӣ ва ояндабинии пиряххо ба сиёсатгузорон ва ҷамоаҳо дар идоракунии самараноки сарчашмаҳо кӯмак мекунад ва ба истифодаи муассири оби тоза оварда мерасонад.

Инчунин боиси таҳияи стратегияи коҳиши хатар вобаста ба камшавии пиряххо, обхезӣ ва лағжиши замин мегардад. Илова бар ин, баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ оид ба масъалаҳои болозикр ташаббусҳои устувориро дастгирӣ мекунад. Дар умум, ин огоҳиҳо барои ҳифзи муҳити зист, иқтисод ва дигар сарчашмаҳое, ки ҷамоаҳо ба он такя доранд, зарур аст.

# Намоишгоҳҳои расми беҳтарин дар мавзуи тағйирёбии иқлим байни хонандагон дар Файзобод ва Кӯшониён

Бо дарназардошти масъалаҳои болозикр, фаолиятҳои гуногун ҷиҳати кӯмак ба раванди тағйирёбии иқлим ва мутобиқшавӣ, аз тарафи зерлоиҳаи "Баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ оид ба тағйирёбии иқлим дар Тоҷикистон" (БСООТИ)-и лоиҳаи "Мусоидат ба раванди банақшагирии самараноки мутобиқшавӣ (НММ) барои Тоҷикистон"-и Барномаи Рушди Созмони Милали Муттаҳид (БРСММ), ки аз ҷониби Фонди Иқлими Сабз (ФИС) маблағгузорӣ мешавад, дар ҳамкорӣ бо Агентии обуҳавошиносии Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардид.

Яке аз ин фаолиятҳо бахшида ба эълон шудани 2025 - "Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо", ҷалби ҷавонон барои иштирок дар чорабиниҳои марбут ба тағйирёбии иқлим ва мутобиқшавӣ мебошад, ки дар ноҳияҳои Файзобод ва Кӯшониён амалӣ шуд.




***"ПУЛИ ҶОИЗААМРО БАРОИ САЙҚАЛ ДОДАНИ ҲУНАРАМ САРФ МЕКУНАМ"***

Муниса Абдуллоева, хонандаи синфи 7 МТМУ № 6 н.Файзобод

Дар ин робита дар санаи 9 январи 2025, дар Филармонияи халқии ба номи Нигина Рауфоваи ноҳияи Файзобод, намоишгоҳи расми беҳтарин дар мавзуъи тағйирёбии иқлим бахшида ба "Соли ҳифзи пиряхҳо" байни хонандагон ва донишҷӯён баргузор гардид.




Макет барои озмун н. Файзобод

Суруш Воҳидов дар кори ҳунарии худ ба масъалаи тағйирёбии иқлим аз зовияи ҷаҳонӣ нигариста, дар расми кашидаи худ нишон додааст, ки чигуна олудагиҳо дар хушкӣ метавонанд таъсири худро ба обшавии пиряхҳо дар уқёнусҳо ва хушкӣ расонанд. Дар озмуни мазкур бештар аз 30 рассоми ҷавони файзободӣ аз Мактаби санъати тасвирии ба номи Дӯстмурод Алиеви н. Файзобод, Филиали мактаби санъати тасвирии ба номи Дӯстмурод Алиеви н. Файзобод, Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон ва баъзе муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Файзобод, бо расму макетҳо иштирок карданд.

Озмуни мазкур аз тарафи ҳайати доварон баҳогузорӣ шуд, ки дар он Муниса Абдуллоева хонандаи синфи 7, Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии (МТМУ) № 6, бо кашидани расми беҳтарин, соҳиби ҷойи аввал ва ҷоизаи нақдии (3000 сомонӣ), Фариштамоҳ Саъдуллоева хонандаи синфи 9, МТМУ № 9, бо макети беҳтарин ғолиби ҷойи дуюм ва ҷоизаи нақдии (2000 сомонӣ) ва Суруш Воҳидов хонандаи синфи 7, МТМУ № 20, соҳиби ҷойи сеюм ва ҷоизаи нақдии (1000 сомонӣ) гардиданд.

Фариштамоҳ Саъдуллоева аз хоку гил ва сангу шағал макете сохта бо истифода аз барфи ҳақиқӣ таъсири нобудшавии пиряхҳоро нишон дода, пешниҳоди истифодаи равишҳои нав дар мутобиқшавӣ бо кашонидани об ба баландиҳо тавассути технологияи навро додааст.

Муниса Абдуллоева ғолиби ҷойи аввали озмун бошад, дар тасвири кашида ва макети омодакардаи худ нишон додааст, ки чигуна чангу ғубор, дуду газҳои корхонаҳо ва дар умум газҳои гулхонаӣ боиси тағйиёрбии иқлим шуда, табиати сабзро ба шӯразору харобаҳо табдил медиҳанд.




Расму макети Мунисаи Абдулло (дар байн) н. Файзобод




Баррасии расмҳо тавассути доварон н. Файзобод




Мунисаи Абдуллоева (рост) ҳангоми гирифтани ҷоиза н. Файзобод

# НАМОИШГОҲҲОИ РАСМИ БЕҲТАРИН ДАР МАВЗУИ ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ БАЙНИ ХОНАНДАГОН ДАР ФАЙЗОБОД ВА КӮШОНИЁН

Дар идомаи иқдоми дар боло зикршуда, боз чунин чорабиниҳо дар н. Кӯшониён дар чорчубаи чорабиниҳои зерлоиҳаи БСООТИ Ташкилот и байналимлалии рушди баробарҳуқуқ “Эквидев” дар санаи 14 январи 2025 дар бинои маорифи ноҳияи Кӯшониён намоишгоҳи расми беҳтарин дар ҳамкорӣ бо лоиҳаи БРСММ "Мусоидат ба раванди банақшагирии самараноки мутобиқшавӣ (НММ) барои Тоҷикистон" ва ҳукумати маҳаллӣ бахшида ба эълони 2025 – Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо баргузор гардид, ки дар он низ 30 рассом асосан хонандагони мактабҳои Кӯшониён иштирок намуданд.

Дар намоишгоҳи мазкур аз тарафи доварон расму макетҳои Бобоназаров Шаҳром хонандаи синфи 11, МТМУ № 52, беҳтарин дониста шуда, ғолиби ҷои аввал ва соҳиби ҷоизаи нақдии 3000 сомонӣ гардид. Ҷойи дуюмро Ҳакимова Фирӯза хонандаи синфи 10, МТМУ № 3, аз худ намуда, соҳиби ҷоизаи нақдии 2000 сомонӣ гардид ва ҷойи сеюмро бошад Астонаев Амирҷон хонандаи синфи 10, МТМУ № 3 аз, они худ кард ва соҳиби ҷоизаи нақдии 1000 сомонӣ гардид.

Бобоназаров Шаҳром бо ҷо додани таъсири тағйирёбии иқлим дар обшавии пиряхҳо дар намунаи газҳои гулхонаии корхонаҳои саноатӣ ва мошинҳо ва инчунин нестшавии ҷангалҳо ва зиёдшавии гармии заминро дар иқлими Тоҷикистон тавонистааст бо маҳорати хос дар расм ва макет ҷой диҳад ва диққати тамошогарону доваронро ба худ ҷалб кунад.

Ба пурсиши ин ки ҷоизаи нақдии бадастовардаро барои чӣ сарф мекунад, Бобоназаров Шаҳром кӯтоҳу мухтасар посух дод, ки барои “тақвияту сайқал додани маҳорати рассомӣ ва ҳунари макетсозии худ ҷиҳати иштирок дар озмунҳои оянда”.




*“Мехоҳам ҷоизаи нақдиямро ба волидайнам тӯҳфа кунам”*

*Бобоназаров Шаҳром хонандаи синфи 11, МТМУ № 52, н. Кӯшониён*

Ҳакимова Фирӯза ғолиби ҷойи дуюм бошад масъалаи тағйирёбии иқлимро дар мисоли оқибатҳои обшавии пиряхҳо ва таъсирҳои зистмуҳитии он ба курраи замин ба тасвиркашидааст.

Астонаев Амирҷон бошад тамаркузашро бештар рӯйи оқибатҳои тағйирёбии иқлим ба табиат ва муҳити дарахту ҷангалҳо равона карда, нишон додааст, ки чигуна сабзиҳову шукуфтанҳои зебои табиати зинда бар асари тағйирёбии иқлим ба сиёҳиву хушкӣ табдил меёбанд.

Дар маҷмуъ роҳандозии намоишгоҳҳо дар Файзободу Кӯшониён нишон дод, кинаврасону ҷавонон бо дидгоҳҳои наву замонавӣ хеле шавқу мароқи калон ба масъалаи тағйирёбии иқлим дошта, тавассути ҳунар паёмҳои мушаххасеро ироа медиҳанд, ки мушкилии тағйирёби иқлим масъалаи ҳалталаб буда, таваҷҷуҳ ва ҳамкории ҳамагонро талаб мекунад.

***БРСММ ташкилоти пешбари Созмони Милали Муттаҳид мебошад, ки барои хотима додан ба камбизоатӣ, нобаробарӣ ва тағйирёбии иқлим талош мекунад. Бо шабакаи васеи коршиносон ва шариконӣ рушд, мо дар 170 кишвари ҷаҳон фаъолият мекунем, то ки ба кишварҳо дар таҳияи қарорҳои ҳамгирошуда ва пойдор ба нафъи башарияту сайёра кӯмак расонем.***
***Барои маълумоти бештар моро дар сомонаи undp.org ё @UNDP пайгирӣ кунед.***



Иштирокчиёни озмун бо тӯҳфаҳои хотиравӣ н. Кӯшониён



Намунаи расмҳо барои озмун н. Кӯшониён



Ғолибони озмун бо ҷоизаҳои нақдӣ н. Кӯшониён



Иштирокчиёни озмун ва намоишгоҳ н. Кӯшониён



Макет барои озмун н. Файзобод



Макет барои озмун н. Файзобод



Расми Бобоназаров Шаҳром, ки сазовори ҷойи аввал гардид